ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Бобошоҳзода Муҳаммадшариф Сангинмурод дар мавзуи «Гуфтумон (дискурс)-и расонаии дипломатияи оби Тоҷикистон: таҳлили мушкилот ва дурнамои инъикоси масъалаи ҳифзи пиряхҳо», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ пешниҳод гардидааст

Дар замони муосир, ки тағйироти глобалӣ, аз ҷумла, тағйирёбии иқлим ва таъсири он ба ҳаёти инсонӣ рӯ ба рӯ аст, масъалаи ҳифзи муҳити зист ва обҳои яхбаста, бахусус пиряхҳо, аҳаммияти аввалиндараҷа пайдо кардааст. Пиряхҳо ҳамчун манбаи асосии оби ширин ва таъминкунандаи ҳаёти экологӣ на танҳо дар Осиёи Марказӣ, балки дар сатҳи ҷаҳонӣ низ нақши муҳим мебозанд. Дар шароити тағйирёбии иқлим ва афзоиши хатарҳо ба пиряхҳо, ташаккули афкори умум ва тавассути он, дарки дурусти масъулияти давлатҳо, ҷомеа ва ҳар як фард дар ин самт, инъикоси ин масоил дар расонаҳои хабарӣ мақоми хоса пайдо кардааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари пешсаф ва ташаббускори ҳалли мушкилоти башарӣ дар арсаи байналмилалӣ, аз қабили «Даҳсолаи байналмилалии амал: Об барои рушди устувор, 2018-2028» ва эълон гардидани «Соли 2025 – Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо», мақоми хоссаро ишғол менамояд. Маврид ба зикр аст, ки Тоҷикистон дар миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамчун кишвари дорои захираҳои назарраси об эътироф шудааст, зеро то 60 фоизи захираҳои оби тозаи минтақа дар қаламрави ин кишвар ҷойгиранд. Мувофиқи маълумоти илмӣ, шумораи пиряхҳои Тоҷикистон аз 13 то 14 ҳазорро ташкил дода, тақрибан беш аз ҳазор пирях аллакай пурра аз байн рафтааст, ки ин раванди ташвишовар таваҷҷуҳи ҷиддии воситаҳои ахбори оммаро тақозо мекунад. Дар шароити муосир матбуот ва расонаҳои электронии ахбор на танҳо вазифаи иттилоърасониро иҷро мекунанд, балки ҳамчун механизми тавлиди маъно, ташаккули муҳити экожурналистика ва баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ хизмат менамоянд. Таҳқиқи баҳси расонаии дипломатияи об имкон медиҳад, ки масъалаи ҳифзи пиряхҳо дар матбуоти даврӣ аз нигоҳи жанрӣ, луғавӣ ва риторикӣ ҳамаҷониба омӯхта шуда, дар ташаккули тасаввуроти мусбат ва масъулияти дастаҷамъонаи ҷомеа саҳми муносиб гузорад.

Дар ин замина, таҳқиқи мукаммали баҳси дипломатияи об, ҳифзи пиряхҳо, захираҳои назарраси об ва ҳамзамон, инъикоси масоили мавриди назар дар ВАО аз ҷониби диссертант Бобошоҳзода Муҳаммадшариф Сангинмурод саривақтӣ, муҳим ва дорои аҳаммияти илмӣ-амалии калон мебошад. Мавзуи таҳқиқ ба яке аз масъалаҳои мубрами рӯз, ки ба амнияти экологии Тоҷикистон ва кишварҳои минтақа, инчунин ба амнияти об ва ҳаёт дар сатҳи байналмилалӣ алоқаманд аст, бахшида шудааст. Интихоби ин мавзуъ аз ҷониби муаллиф, бо назардошти аҳаммияти ҳифзи пиряхҳо ҳамчун захираи оби ширин ва тағйирёбии иқлим, тасдиқи масъулияти илмӣ ва иҷтимоии ӯст.

Автореферат бо мазмуни мукаммали худ гувоҳӣ медиҳад, ки таҳқиқ дар асоси дастовардҳои илмӣ дар соҳаҳои журналистика, дипломатия, илмҳои филологӣ, экология ва коммуникатсияи байналмилалӣ гузаронида шудааст. Муаллиф ба масъалаҳои назариявии гуфтумон (дискурс), таҳлили чораҳои

дипломатӣ, инъикоси масъалаҳои экологӣ ва мушкилоти ҳифзи пиряхҳо дар расонаҳо таваҷҷуҳи ҷиддӣ додааст.

Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки рисола аз муқаддима, се боб, нуҳ фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, ҳаҷми он 184 саҳифаро ташкил медиҳад. Сохтори кор ба талаботи муқарраргардида мувофиқ буда, мантиқан аз баррасии асосҳои назариявӣ то таҳлили амалии матбуот ва пешниҳоди роҳҳои ҳалли он мураттаб гардидааст. Заминаи назариявию методологии таҳқиқ бо истифодаи усулҳои муосири таҳлил, аз ҷумла, таҳлили дискурси расонаӣ, таҳлили мундариҷа, усулҳои муқоисавӣ, таърихӣ ва сотсиологӣ асоснок гардидааст. Ин усулҳо ба муаллиф имкон додаанд, ки мушкилоти инъикоси масъалаи ҳифзи пиряхҳоро дар расонаҳои хабарӣ аз ҷанбаҳои гуногун, аз ҷумла, аз нигоҳи сиёсӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва коммуникатсионӣ баррасӣ намояд.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи дипломатияи оби Тоҷикистон ва ҳифзи криосфера бори аввал на танҳо ҳамчун мавзуи сиёсӣ, иқтисодӣ ва ё агротехникӣ, балки ҳамчун низоми мукаммали гуфтумони расонаӣ (медиадискурс) баррасӣ шудааст. Муаллиф дуруст мушоҳида намудааст, ки масъалаи об ва пиряхҳо дар шароити кунунӣ аз доираи маҳдуди баҳсҳои мутахассисон баромада, ба масоили асосии ВАО-и миллӣ ва байналмилалӣ ворид гардидааст.

Дар шароити муосири иттилоотӣ ташаккули афкори умум зери таъсири муҳтавои расонаӣ, тарзи пешниҳоди иттилоот ва қолабҳои риторикӣ қарор дорад. Диссертант дар автореферат нишон медиҳад, ки чӣ гуна матбуоти тоҷик раванди обшавии пиряхҳо ва ташаббусҳои глобалии Пешвои миллатро инъикос намуда, тавассути матолиби гуногун аудиторияро ба масъулияти дастаҷамъӣ ва фаҳмиши экологӣ ҳидоят мекунад. Ин равиш аҳаммияти илмии пажуҳишро дучанд мегардонад.

Таҳлили сатҳи омӯзиши мавзуъ гувоҳӣ медиҳад, ки муаллиф ба таҳқиқоти донишмандони дохилию хориҷӣ, аз қабили И. Усмонов, А. Нуралиев, М. Имомзода, М. Муқимов, Н. Солиҳов, Ш. Муллоев, Р. Кокс, С. Аллан, Ф. Банда ва дигарон такя намуда, заминаи устувори назариявии пажуҳишро фароҳам овардааст. Дар баробари ин, муаллиф ноқисии мавҷударо дар пайванди се соҳа – суханшиносӣ, журналистика ва дипломатияи об мушоҳида карда, таҳқиқи маҷмуии ин падидаро дар меҳвари ҳифзи пиряхҳо ба миён гузоштааст. Аз ин рӯ, маҳз набудани пажуҳиши мукаммали бунёдӣ дар ин самт зарурӣ будани пажуҳиши мазкурро боз ҳам тақвият медиҳад.

Тавре аз манти автореферати диссертатсия бармеояд, навгонии илмии кори таҳқиқӣ дар он зоҳир мегардад, ки аввалин бор дар журналистикаи тоҷик медиадискурси дипломатияи об бо такя ба таҳлили жанрӣ, луғавӣ, риторикӣ ва маъноӣ дар меҳвари ҳифзи пиряхҳо таҳлил шудааст. Муаллиф тарзу услубҳои пешниҳоди мавзуъро дар матбуоти давлатӣ, мустақил ва электронӣ муқоиса намуда, қолабҳои маъноии инъикоси пиряхҳоро ҳамчун «сарвати миллӣ», «таҳдиди глобалӣ» ва «ташаббуси байналмилалӣ» мавриди пажуҳиш қарор додааст.

Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия дар автореферат ба таври муфассал баён шудаанд. Истифодаи маводи зиёд, натиҷаҳои таҳлили

мундарича ва дискурси расонаҳои дипломатӣ, инчунин пурсишҳо ва мусоҳибаҳо бо мутахассисон, далели ин аст, ки муаллиф ба таври ҷиддӣ мавзуи мазкурро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Хулосаҳо ба таври мантиқӣ аз таҳлилҳо бармеоянд ва бо далелҳои кофӣ тасдиқ карда шудаанд.

Гарчанде автореферат аз ҷиҳати илмӣ пурра ва мукаммал мебошад, бо дарназардошти мухтасарии он, баъзе нуктаҳоро барои такмили минбаъда метавон пешниҳод кард:

Якум, дар бахши таҳлили муқоисавӣ таҷрибаи баъзе расонаҳои дигари кишварҳои Осиёи Марказӣ метавонист дар шакли мухтасар ҷиҳати тақвияти паҳлуҳои қиёсӣ бештар истифода шавад.

Дуюм, дар шароити имрӯза, ки шабакаҳои иҷтимоӣ нақши муҳим дар паҳншавии иттилоот ва ташаккули афкори умум мебозанд, таҳлили мухтасари нақши дипломатияи рақамӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ дар инъикоси масъалаи ҳифзи пиряхҳо метавонист арзиши таҳқиқро боз ҳам болотар барад.

Ин пешниҳодҳо хусусияти тавсиявӣ дошта, ба арзиши асосии таҳқиқ ва навгонии он таъсири манфӣ намерасонанд, балки ба такмили минбаъдаи он нигаронида шудаанд.

Бо дарназардошти тамоми хусусиятҳои зикршуда, автореферати диссертатсияи Бобошоҳзода Муҳаммадшариф Сангинмурод таҳти унвони «Гуфтумон (дискурс)-и расонаии дипломатияи оби Тоҷикистон: таҳлили мушкилот ва дурнамои инъикоси масъалаи ҳифзи пиряхҳо» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат намуда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ сазовор мебошад

Тақриздиҳанда:
Доктори фалсафа (PhD),
доктор аз рӯйи ихтисоси рӯзноманигорӣ,
дотсенти кафедраи журналистикаи
ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Сафарзода М.Н.

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16,
Тел.: (+992) 918 48 44 05; 754 84 40 40
E-mail: Nadzhotzoda@mail.ru

Имзои Сафарзода М.Н.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Давлатзода М.А.

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16,
Тел.: (+992 8 33 22) 2 35 06; 2 35 07
факс: (+992 8 33 22) 3 35 06
E-mail: info@kgu.tjСомонаи расмӣ: www.kgu.tj

12. 11. 2026с.